**Эълони озмун**

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба кор қабул намудани кормандони шартномавӣ ба ҳайси **маъмури терминалҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагон** дар назди нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои Шоҳмансур, Ҳисор, Бобоҷон Ғафуров, Гулистон, Истаравшан, Исфара, Мастчоҳ, Спитамен, Зафаробод, Айнӣ, Бохтар, Вахш ва Панҷ (бо маоши моҳонаи 600 сомонӣ) озмун эълон менамояд.

Дар озмун шахсони дорои таҳсилоти олии иқтисодӣ, ки қонунгузории андозро омӯхтаанд ва маҳорати кор бо барномаҳои компютерӣ, аз ҷумла тариқи электронӣ пешниҳод намудани эъломияҳои андозро доранд, метавонанд довталабӣ намоянд.

**Ба озмун ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

- ариза ба унвони роҳбари мақомот;
- варақаи шахсӣ (бо дасти худ пуркардашуда) бо 2 дона расми 4x6;
- тарҷумаи ҳол (бо дасти худ пуркардашуда);
- нусхаи шиноснома;
- нусхаи ҳуҷҷатҳо (диплом) дар бораи таҳсилот;
- нусхаи гувоҳномаи рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА);
- маълумотномаи тиббӣ (шакли № 038);
- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ (агар собиқаи корӣ бошад);

Ҳуҷҷатҳо барои иштирок дар озмун **то 1 марти соли 2019** дар бинои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев - 42/2 қабул карда мешаванд.

Маълумоти иловагӣ бо телефони 233 - 06 - 83